# Аллоҳ Таъоло шуморо аз савганд ёд кардан ба падаронатон манъ мекунад

Аз Умар ибни Хаттоб (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Аллоҳ Таъоло шуморо аз савганд ёд кардан ба падаронатон манъ мекунад". Умар гуфт: Ба Аллоҳ савганд аз он замоне ки аз Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шунидам, ба он (падарон) савганд нахӯрдаам, чи қасдан бошад ё нақл кардан (и савганди дигар кас).
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд, ки Аллоҳ Таъоло савганд хӯрдан ба падаронро манъ кардааст, пас ҳар ки савганд хӯрдан бихоҳад, танҳо ба номи Аллоҳ савганд бихӯрад ва ба каси дигар қасам нахӯрад. Сипас Умар ибни Хаттоб (разияллоҳу анҳу) зикр кард, ки аз вақте, ки наҳйи кардани Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро шунидааст, ҳаргиз ба он савганд нахӯрдааст, на қасдан ва на бо нақл кардани қасам ёд кардани каси дигар.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee